**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Доиишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Маиучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комисия – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. аъзоёни комиссия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаев П.Д., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16.11.2024, суратҷаласаи № 89а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳиқиқот.** Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ корхонаҳои парандапарварӣ аз лиҳози иутисодӣ ва ҳуқуқӣ мустақил мебошанд. Самаранокии идоракунии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо аз сатҳи таъминоти иттилоотии зерсохторҳои он вобаста мебошанд.

Имруз на дар ҳамаи корхонаҳои парандапарварӣ низоми густурдаи баҳисобгирии муҳосибӣ фаъолият мекунад, ки иттилооти он барои идоракунии фаъолияти амалиётӣ кофӣ бошанд. Чи хеле, ки амалия нишон медиҳад, дар шароити рақобат корхонаҳои парандапарварӣ барои муносиб гардонидани хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ ба иттилооти фаврии иқтисодию молиявӣ ниёз доранд. Бинобар ин, дар хоҷагии қишлоқ, алахусус дар парандапарварӣ масъалаи мукамкалгардонии баҳисобгирии муҳосибии объектҳои чорводорӣ хусусияти нав касб мекунад.

Бояд қайд кард, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки то имрӯз дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун анъана истифода мешаванд, бештар ба ташаккули иттилоот оид ба пуррагии иҷрои харҷи захираҳо, истеҳсоли маҳсулот ва фоида (даромад), андозҳо равона гардидаанд. Пешбурди баҳисобгирӣ ва назорати дороиҳои биологӣ бо чунин шакл барои дуруст ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ва қабули қарорҳои идоракунӣ имкон намедиҳад. Бинобар ин, низоми баҳисобгирӣ ва назорат дар шакли анъанавӣ дар шароити фаъолияти

корхонаҳои парандапарварӣ мавқеъи корбурди худро гум кардаанд.

Тартиби баҳисобгирӣ, эътироф, ташаккули иттилоот ва тавзеҳоти иттилоот оид ба дороиҳои биологӣ дар СБҲМ 41 муқаррар карда шудааст. Вале таҷрибаи пешбурди баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии дороиҳои биологӣ аз таҷрибаи байналмилалии баҳисобгирӣ хеле фарқ мекунад. Дар баробари ин, баҳодиҳии эътимоднок ва баҳисобгирии дороиҳои биологӣ, масъалаи шакливазкунии биологӣ ва инъикоси онҳо дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, методика ва ташкили назорати дороиҳои биологӣ, инчунин арзишмуайянкунии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ ба таври пурра ҳаллу фасл карда нашудааст.

Мукаммалсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дороиҳои биологӣ шарти ҳатмии мустаҳкам намудани муносибатҳои дохилихоҷагӣ дар корхонаи парандапарварӣ ва воҳидҳои сохтории он ба ҳисоб рафта, имконияти қабули фаврии қарорҳои идоракунии асоснок, ба даст овардани самари иқтисодии зарурӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхона дар бозор шароит фароҳам меорад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро гадрдидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулоса дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 9 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 7,1 ҷузъи чопӣ (5,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни автореферати диссертатсия 81,51 % ва диссертатсия 78,44 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Манучеҳри Н.Р. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 67, 69, 74 ва 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ба ухда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

3. - **Дадоматов Далер Нишонбоевич**– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

4. - **Ҳукматов Давлатҷон Ҷамшедович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

3. Барои нашри эълони ҳимояи диссертатсия, ҷойгир намудани автореферат ва ҳуҷҷатҳо дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Собирзода Н.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қурбонов А.К.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ Хоҷаев П.Д.